**ОЗМУНИ КОРОҲОИ БАДЕИИ ГУРӮҲИ БОНКИ ҶАҲОНӢ БАРОИ НАҚҚОШОНИ ҶАВОНИ ТОҶИКИСТОН**
**ТОҶИКИСТОНИ МАН – ОЯНДАИ МАН!**

Дафтари кишварии Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон бо камоли хушнудӣ Озмуни корҳои бадеиро миёни хонандагони мактабҳо бахшида ба 30-солагии ҳамкории Тоҷикистон ва Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ эълон менамояд. Мавзӯи озмун: «Тоҷикистони ман – Оядаи ман!».

Аз иштирокчиён хоҳиш карда мешавад, ки дар бораи чизҳои муҳиме, ки ба бунёди ояндаи беҳтар мусоидат мекунанд, ба монанди амнияти озукаворӣ, илм ва маориф, энергетика, ҷойҳои корӣ, тандурустӣ, манзил, ҷомеа, оби тоза ва ҳавои тоза фикр кунанд ва чӣ тавр хамаи онхо якчоя барои барпо намудани Точикистони боз ҳам ободу зебо мусоидат мекунанд. **Ин имконро истифода бурда, дар расми тасвирнамудаатон оядаи Тоҷикистонро нишон диҳед!**

Киҳо метавонанд иштирок кунанд?
Озмун барои ҳамаи хонандагони синфҳои 1 то 11, ки дар Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, боз аст.

Чӣ гуна метавонед кори худро пешниҳод кунед?
Кори бадеӣ ҳамроҳ бо варақаи дархост (дар формати PDF замима карда мешавад), ки бо забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ё русӣ пур шудааст, ба яке аз маконҳои зерин ирсол карда шавад:

i. Душанбе – кӯчаи Бухоро, 50Б, студияи Art Doshan, маркази савдои "Аниса", ошёнаи 3
ii. Хуҷанд – кӯчаи А. Қаландаров, 56, Маркази Амрикоӣ дар шаҳри Хуҷанд, тел.: 98-760-02-23
iii. Исфара – кӯчаи Сайдон, 1, Маркази Амрикоӣ дар шаҳри Исфара, тел.: 98-760-02-28
iv. Кӯлоб – кӯчаи Борбад, 9-ум микрорайон, Маркази Амрикоӣ дар шаҳри Кӯлоб, тел.: 98-760-02-24
v. Хоруғ – кӯчаи Ленин, 53, Маркази Амрикоӣ дар шаҳри Хоруғ, тел.: 98-760-02-25
vi. Бохтар – кӯчаи Дӯстии халқҳо, Маркази Амрикоӣ дар шаҳри Бохтар, тел.: 98-760-02-26
vii. Ғарм – кӯчаи Исмоили Сомонӣ, Маркази Амрикоӣ дар шаҳри Ғарм, тел.: 98-760-02-29
viii. Панҷакент – хиёбони Рӯдакӣ, 108, Маркази фарҳангии Амрикоӣ дар шаҳри Панҷакент, тел.: 98-760-02-27

**Савол доред?**
Барои гирифтани маълумоти бештар метавонед ба Насиба Каримова, координатори озмун тамос гиред: 901-000-831

**Мӯҳлати охирини супоридани корҳо:**
То 15 марти соли 2025 (соати 17:00 бо вақти Душанбе).

**Ғолибон дар ҳар як гурӯҳи синну солии зерин муайян карда мешаванд: 7-9; 10-12; 13-17 ва бо тухфаҳои зерин мукофотонида мешавад:**

- Сертификати дастовард.

- Имконияти намоиш додани кори худ дар яке аз чорабиниҳои Дафтари Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ дар Душанбе
- Шонси истифода шудани кори бадеӣ дар нашрияҳо ва маводи таблиғотии Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ
- Нашри номи ғолибон ва корҳои бадеии онҳо дар саҳифаи Facebook-и Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон

Ба ғайр аз кори ғолиб, чандин кори дигар низ барои намоиш дар чорабинии Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ интихоб карда мешаванд. Таърихи баргузоршавии намоишгоҳ баъдтар эълон карда мешавад.

Шартҳои асосии иштирок дар озмун:

- Як нафар танҳо метавонад як кор пешниҳод кунад.
- Кори бадеӣ бояд аслӣ, шахсан аз ҷониби иштирокчӣ бе кумаки калонсолон иҷро шуда бошад ва ба мавзӯи «Тоҷикистони ман – Ояндаи ман!» мувофиқат кунад.
- Кори такрорӣ ё нусхабардорӣ аз интернет ва бо истифода аз интеллекти сунъӣ тасвир намуда қабул карда намешавад.
- Намудҳои қабулшаванда:
- Расмҳо дар коғази акварелии андозаи А3, ки бо ҳар гуна техника иҷро шудаанд (масалан, тасвирҳои графитии сиёҳу сафед, рангубор, маркерҳо, мелҳо, қаламҳои ранга, рангҳо, пластилин ё дигар маводҳо). Расмҳое, ки бидуни варақаи пуркардашуда пешниҳод мешаванд, баррасӣ карда намешаванд.
- Интихоби ғолибон аз ҷониби кумитаи мустақили доварон анҷом дода мешавад.
- Пас аз пешниҳоди расмҳо, ба ҳар як расм рақам ё рамзи ягона дода мешавад, то раванди арзёбии одилона ва беғаразона таъмин карда шавад.
- Дар варақаи дархост як тавсифи кӯтоҳ (4-5 ҷумла) дар бораи мафҳуми кори бадеии худ ва робитаи он бо мавзӯъ нависед. Расмҳо, ки бе варақаи дархости пурра пешниҳод шудаанд, баррасӣ намешаванд.
- Пас аз супоридан, корҳо моликияти Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ мегарданд ва баргардонида намешаванд.
- Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ хароҷоти сафар барои ғолибонро ба Душанбе намепӯшонад.
- Бо пешниҳоди кори худ, шумо ва волидайни шумо бо қоидаҳои озмун розӣ мешавед.
- Кори бадеие, ки ба қоидаҳо ҷавобгӯ нест, қабул карда намешавад.
- Варақаи дархост бояд аз ҷониби волид ё парастори ӯ имзо шавад.

ОЗМУНИ КОРОҲОИ БАДЕИИ ГУРӮҲИ БОНКИ ҶАҲОНӢ БАРОИ НАҚҚОШОНИ ҶАВОНИ ТОҶИКИСТОН
ТОҶИКИСТОНИ МАН – ОЯНДАИ МАН!
ВАРАҚАИ ДАРХОСТ

Ному насаби шумо

Суроғаи хонагии шумо (шахр/ноҳия ва вилоят)

Мактаб ва синфи шумо

Синну соли шумо

Тавсифи кӯтоҳи кори бадеии шумо:

Лутфан аз яке аз волидонатон хоҳиш кунед, ки ин варақаро имзо кунад.

Бо пешниҳоди кори бадеии фарзанди худ ба озмун, ман розигии худро барои риояи қоидаҳои озмун тасдиқ менамоям. Ман мефаҳмам, ки кори бадеии фарзанди ман ба моликияти Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ табдил меёбад ва пас аз анҷоми озмун баргардонида намешавад. Ҳамчунин, ман ба Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ иҷозат медиҳам, ки онро дар нашриёҳо, чорабиниҳо ва платформаҳои онлайнӣ истифода барад. Ман ҳуқуқи истифода ва нашри кори бадеиро ба Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ то соли 2030 медиҳам.

Номи волидайн/парастор: ______________________
Рақами мобилии волидайн/парастор: _______________________________

Имзои волидайн/парастор: ____________________
Санаи супоридани дархост: ________________________